# Дар дилҳо суруди озодӣ

## ё худ баъзе фикру мулоҳизаҳое, ки баъди мутолиаи китоби Абдуқаҳҳор Иброҳимов «Миллат овози» («Овози миллат») сар заданд

Рўзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои тамоми халқи Ўзбекистон, барои тамоми миллатҳое, ки дар ин сарзамини муқаддас аҳлонаву тифоқона ҳаёт ба сар мебаранд, рўзи ҳаяҷоновару рўзи хушу хурсандист. Ва он бесабаб ҳам нест. Халқамон аз сохти тоталитарӣ, ҷабру ситами вобастагӣ халос шуда, қадру қимати худ, дини муқаддас, забон ва арзишҳои хешро эҳё бахшида, ба эътимоду эътиқоди хеш такя намуда, халқу миллати ягона гардида, дар садаи XXI дилпурона қадам мезанад. Набояд фаромўш кард, ки иқдоми халқамон ба сўи истиқлолият ба осонӣ накўчид, мубоțризаи мураккабу бераҳмона аз сар бадар шуд ва он тамоми саъю кўшиш ба амалӣ гардондани мақсади ягона—то ки ҳаёти озодонаву мустақилона ба сар барад, нигаронда шуду бисёр қурбониҳоро додан лозим омад ва аз ин рў иди истиқлолият барои мо ҳамеша иди аз ҳама азизу аз ҳама муқаддас боқӣ мемонад.

Аз ин нуқтаи назар ба китоби нависанда, публисист Абдуқаҳҳор Иброҳимов, ки «Овози миллат» ном дораду аз тарафи Консерни табъу нашри «Шарқ»-и Тошканд аз чоп баромадааст, назар афканем, бори дигар ба он боварӣ ҳосил мекунем, ки роҳи ба даст омадани истиқлолият ҳамвор набуд, он воқеаҳои мудҳиш ва хунинро ҳатто аз сар гузарондаасту баъзе гапу калочаҳоро дар ин бобат, ки мамлакати мо ба истиқлолияти хеш бидуни ягон хунрезӣ, талафот расидааст, ба пуч мебарорад. Охир, ягон халқу миллат ба озодӣ бидуни талафот, бидуни маҳрумият муваффақ нашудааст ва инро таҷрибаи таърихии чандинасрина бори дигар собит мекунад. Абдуқаҳҳор Иброҳимов, ки чандин сол боз дар Маркази ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат» кор мекунад, дар солҳои аввали истиқлолият дар дастгоҳи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар вазифаи масъул фаъолият пеш бурдааст. Азбаски бо тақозои вазифа дар байни халқ, дар маҳалҳои дурдаст бисёр шудааст, аз ҳамин сабаб барои иншои китоби худ маводи хуберо ҷамъ овардаасту барои исботи фикр далелу рақамҳои мушаххасро овардааст, ки бешак таъсирбахшии онро пурзўр гардондааст. Дар айни замон иншо гардидани ҳар як сатр бо меҳру муҳаббати баланд нисбати Ватан, дўст доштани таърих, аз он фахру ғурур кардан, акс кунондани ҳисси ватандўстиву меҳандўстӣ асари мазкури муаллифро низ дар қатори дигар рисолаҳояш, аз қабили «Ҳисси Ватан», «Мо, ки ўзбекон» хеле хонданибоб гардондааст ва фикри баъзе олимонро дар бобати мудом дар ҷустуҷўву эҷод будани ўро тасдиқ мекунад. Чунки Абдуқаҳҳор Иброҳимов ба таърихи гузаштаамон, ҳодисаву воқеаҳои рангоранги он бо дахлдории худ муносибат мекунад, бо манфиатдории эҷодкорӣ муносибат карда, ба ҳар як далелу сана мушоҳидакорона рафтор менамояд. Алалхусус, муносибати вай ба манбаъҳои маънавиятамон, маърифату давлатдорӣ, бедории миллат бо чуқур фикру мулоҳиза рондан, онҳоро дар паллаҳои тарозу гузошта, як хел бар кашидан ҷиҳати фарққунандаашро нишон медиҳад ва аз ин рў ба он эътироз баён кардан мумкин нест. Эътироз баён кунеду ноҳақ бошед, ба бало монданатон ҳам муқаррар аст. Чунки барои ҳақ будани худ манбаъҳои сершуморро меоварад, онҳоро нишон дода, баъд хотирҷамъ мегардад. Ва ин фазилат на ба ҳар кас хосу мос мебошад.

Асари «Миллат овози»-и ўро мутолиа карда, сараввал пай мебаред, ки ў чун ғаввос дар баҳри беканор шино мекунаду дуру гавҳари заруриро пайдо карда, баъд онро ба қалам додааст. Дар айни замон вай ба таърихи серқирраамон, мероси бои маънавиамон чун сарватҳое, ки дар кўҳу ёнаҳо, дашту саҳро аз паи дарёфти боигарӣ, канданиҳои фоиданок, сарватҳо аст, муносибат мекунад. Аз ҳама муҳимаш аз таҳлили нависандагиву публисистӣ мегузаронад. Дар асари «Овози миллат» мебинем, ки ғояҳои муҳим, фикрҳои аҷибро ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам аз нигоҳи эҷодӣ талқин мекунад. Муаллиф ҳар як фикру хулосаи худро дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ, далелҳо, риояи қатъӣ бо рақамҳо исбот кардан ҳаракат мекунад. Ва онро баробари мутолиа кардани ҳамаи бисту як боби асари мазкур ҳам мушоҳида кардан душвор нест.

Асарро мутолиа карда, пеш аз ҳама пеши назар бунёдкориҳое, ки дар фурсати кўтоҳи ёздаҳсолаи таърихӣ дар роҳи навсозии ҳаёт, ба вуҷуд овардани асосҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ, гузарондани иқтисодиёт ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ, ободонии мамлакат ва ҳосил гардидан обрўву эътибори баланди мамлакат дар арсаи байналхалқӣ ҷилвагар мегарданд ва фикрҳои худро дар мисоли симои кунунии навшудаи деҳоту шаҳрҳоямон, тамоми Ватанамон, мўътадил рушд ёфтани иқтисодиёт, дар мамлакатамон ҳукмфармоӣ кардани сулҳу осоиш ва мўътадилӣ, дўстӣ ва ризоияти байни намояндагони миллатҳои мухталифе возеҳу равшан баён месозад, ки дар ин сарзамини муқаддас ҳаёт ба сар мебаранд. Махсусан ў дар бораи дар тамоми соҳаҳои ҳаётамон, дар қалби одамон ҷойгир шудани чунин инсонгарӣ, аз қабили муҳаббат ва шафқат, накукорӣ ва саховатпешагӣ, пайваста мустаҳкам гардидани дилпурии ҳамватанонамон ба рўзиояндаи дурахшон, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои муносиби худро ёфтани Ўзбекистон, ба ислоҳоте, ки дар роҳи бунёди ҳаёти нав, ҷамъияти нав мегузорад, ба меҳнати бунёдкорона, сиёсати мустақили дохилаву беруна, ки ба эҳтироми калон, агар гуфтан ҷоиз бошад, ба ҳусну тафоҳуми халқҳои саросари ҷаҳон мушарраф мегардад, амиқан дахолат мекунад.




Муаллиф ба воқеаҳое, ки халқамон аз сар гузарондааст, бисёр озмоишу душвориҳоро бартараф сохтаасту ба бисёр озмоишҳои ҳаёт тоб овардаасту аз эътиқодаш рў нагардондааст, ҷасорату матонати сарвари давлати Ўзбекистон чуқур муносибат карда, ҳаракат намудааст, ки раванди дигаргуниҳоро дар мамлакатамон ҳаматарафа кушода диҳад, ба хонанда маълум кунад, ки ҳамаи он ба осонӣ ба даст наомадааст. Алалхусус, фикру мулоҳизаҳои вай дар хусуси чӣ тавр дар кадом ҳолат қабул гардидани ҳар як фармону ҳар як қарори ҳукумату Президент, муносибат ба мероси бои гузаштагон, эҳёи номҳои муборакии гузаштагони бузург бо рангорангӣ ва мушаххасии худ фарқ мекунанду ба хонанда имкон медиҳад, ки ба ин ҷараёнҳо бевосита алоқаманд будани худро ҳис кунад, дар ин ҷараён чӣ тавр мақому ҷой пайдо кардани худро зуд эҳсос намояд. Ҳангоми мутолиаи «Овози миллат» як чизро ба алоҳидагӣ фарқ кардан мумкин аст, ки он дар эҷодкориаш зоҳир мегардад. Яъне, муаллиф аз нигоҳи нависандагӣ ба ҳуҷҷатҳои таърихӣ, моҳияти далелу рақамҳо муносибат карда, ба талқини бадеиву адабии он диққату эътибори махсусро нигарондааст. Дар онҳо услуби ба худ хоси публисистӣ ба тезӣ ошкор мегарданд.

Муаллиф аз хусуси ислоҳотҳое, ки дар солҳои истиқлолият дар мамлакатамон ба рўи об бароварда мешаванд, махсусан диққату эътибори калону самимонаи сарвари давлатамонро нисбати маънавият ва маърифат бо фахру ғурур баён месозад ва таъкид мекунад, ки ба туфайли ҷасорату матонат сарвари давлатамон Ислом Каримов ва шарофати истиқлолият чароғи хомўшшудаи ниёкону падару бобоёнамон аз нав рўшан гардида, арвоҳи гузаштагон шод гардид, қулфи дили халқамон кушода шуда, чашмаҳои илму эҷод, ки дар бадали чандин солҳо аз маҷро монда буданд, боз «дарҳои» худро боз намуданду аз он халқамон баҳра мебардорад. Ва он қади миллату халқамонро боз ҳам баланд бардошт ва ин салоҳият боввариро ба оянда боз ҳам пурзўр гардонд, ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон ба сифати шаҳрванди ин Ватан— Ўзбекистон қадру қимати ҳақиқиии худро ёфт. Аз ҳама муҳимаш дар ин бобат фикру мулоҳизаҳои хешро аниқу равшан баён кардаасту аз риёкорӣ, забонбозӣ, суханони муҷмал орӣ аст. Аз ин рў дар асари ў самимияти ҳақиқӣ, муҳаббати софро нисбати халқу Ватан, сарвари давлат, фахру ғурури беҳадро пай бурдан душвор нест.

Дар асар ғояи «Шахсе, ки сару сарвариро ба гардан мегирад, ба миллати хеш шаъну шарафи беқиёсро меоварад», мақсади асосӣ гардидаасту онро бо кўмаки мисолҳои таърихӣ ва ҳаётӣ талқин мекунад.

Ана ин фикрро аз мағзи сар гузаронед, то чӣ андоза ҳақ будани муаллифро пай мебаред. Ў нигоштааст: «Маълум аст, ки дар фанни фалсафа мафҳумҳо таҳти унвони моҳият ва ҳодиса ҳастанд. Дар салтанати пештара, яъне замони шўроҳо ба мафҳуми моҳият сар-сарӣ, рўякӣ муносибат карда, бештар ба ҳодиса диққату эътибори калон доданд. Ҳол он ки моҳияту ҳодиса дар як поя меистанд. Агар боз соддатар карда гўем, гандум гандум асту ҷав ҷав. Ҳеҷ гоҳ дар гандумзор ҷав намерўяд». Чӣ гуна фикрҳои ҷолиби диққатанду касро беихтиёр ба фикру мулоҳиза рондан даъват месозанд. Китоби мазкур дар хусуси Ўзбекистон ва халқи он дар давоми солҳои сипаришудаи истиқлолият нақл мекунад. Ва онро мутолиа карда, ҳар як муштарӣ ба он боварӣ




ҳосил мекунад. Чунки хуб медонем, ки иншои китобу мақола дар хусуси сарвари давлат ин маънои як қисми ҳикоят дар хусуси Ўзбекистони мустақил мебошад. Ва дар ин бобат баён гардидани фикру мулоҳизаҳои мухталиф ҳам як ҳолати табиӣ мебошад. Чунки ҳар кадом аз нигоҳи худ, манфиатдории хеш ва маҳорату истеъдоду савияи худ иншо мекунад. Аз ин рў, мухталиф будани фикру андешаҳо ҳам чун як ҳолати муқаррарӣ қабул карда мешавад.

Алқисса, асари «Овози миллат»-и Абдуқаҳҳор Иброҳимов асари зебои публисистиест, ки фазилатҳо ва арзишҳои ба халқи куҳанамон хосу мосро тараннум мекунад. Ва бо ин асари мукаммал муаллифро табрик намуда, таманнои онро дорем, ки ба миқдори зиёд ҳамин қабил асарҳоро иншо карда, ба равнақи халқу Ватан, миллат саҳми муносиби худро гузорад.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ,**
**корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

Ҷорводорӣ — ҷабҳаи зарбдор

# Маҳсулдиҳии ҳайвонот меафзояд

## (Мусоҳиба бо мудири фермаи ширӣ-молии хоҷагии ширкатии «Гулобод» -и ноҳияи Самарқанд Фурқат Маҷидов)

**— Барои ба маҳсулнокии баланди ҳайвонот муваффақ шудан ба чиҳо риоя намудан лозим аст?**

— Асоси ривоҷ додани чорвои ҷамъиятро мавҷудияти базаи мустаҳками озуқаи серғизо ташкил менамояд. Хушбахтона дар хоҷагии мо барои ба вуҷуд овардани асоси хўрокии ҳайвонот имкониятҳои мусоид мавҷуданд. Аҳли фермаамон барои захира кардани ему хошоки фаровон мисли баъзе хоҷагиҳои ноҳия мушкилӣ намекашанд. Чунки дар худи хоҷагиамон ҳар сол ба миқдори зиёд озуқаи серғизо тайёр карда мешавад. Дар якчанд бригадаҳои хоҷагӣ барои расондани хўрокии ҳайвонот замин ҷудо карда шудааст.Бо ибораи дигар якчанд ҷамоаҳои хурди деҳқонӣ мисли аъзоёни бригадаҳои Адҳам Низомов, Ҳайдар Йўлдошев баробари истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо тайёр намудани озуқаи чорво низ фаъолият нишон медиҳанд. Ман аз фурсат истифода карда ба аъзоёни меҳнатдўсти он бригадаҳое, ки ба ҷамъоварии ему хошоки фаровон ҳиссаи муносиб мегузоранд, изҳори ташаккур менамоям.

**— Фақат бо роҳи захира намудани озуқаи фаровон ба маҳсулдеҳии хуби ҳайвонот пурра муваффақ шудан мумкин аст?**

— Не, барои маҳсулнокии баланди чорво мавҷудияти зоти сермаҳсул роли калон мебозад. Мо вақтҳои охир ба ин масъала эътибор дода истодаем. Модаговҳои каммаҳсул бо наслҳои сермаҳсул иваз мешаванд. Мо ин амали судбахши худро минбаъд ҳам давом медиҳем.

**— Фурқатака дар айни вақт дар ферма чанд сар чорво ҳаст ва маҳсулдеҳии имрўзаи онҳо чӣ гуна?**

— Ҳоло дар фермаи мо 236 сар чорво мавҷуд аст. Аз он 82 сараш говҳои ҷўшоӣ мебошанд. Имрўзҳо аз ҳар сар модагов ба ҳисоби миёна дар атрофи 7 литр шири хуштамъ ҷўшида истодаем. Аммо ин ҳадди охирини коркунони ферма нест. Баробари рўз то рўз зиёдшавии алафи тару тоза ва хасу хошоки серғизо пешбинӣ гардидааст, ки маҳсулдиҳии ҳар сар модагов ба ҳисоби миёна ба 8 -10 литр расонда шавад. Барои ин тамоми шароиту имкониятҳо мавҷуданд.

Дар хоҷагӣ солҳои охир чорводорӣ ба соҳаи фоидаовар табдил ёфта истодааст. Сабаби ин натиҷаи ташкили дурусти меҳнат дар байни коркунону хизматчиёни ферма ва мадади беҳамтои аъзоёни бригадаҳои озуқатайёркунанда мебошад. Ҳавасмандгардонии аҳли ферма ба ин хеле мусоидат менамояд. Соли гузашта нақшаи пешбинишударо бо муваффақият иҷро кардем. Имсол ният дорем, ки камаш 150 тонна шири серравған тайёр намуда, ба давлат фурўшем. Барои адои қавл ҳама пурмаҳсул меҳнат карда истодаем. Боварӣ ҳаст, ки саъю кўшишамон зоеъ намеравад ва натиҷаҳои дилхоҳ меоварад.

**— Ташаккур. Акнун бигўед, ки барои коркунони ферма чӣ гуна шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд?**

— Мо дар ҳаққи онҳо пай дар пай ғамхорӣ зоҳир менамоем. Зеро хуб медонем, ки онҳоро аз ҳар ҷиҳат ҳавасманд накарда ба натиҷаҳои баланди меҳнатӣ муваффақ шудан номумкин аст. Аз ҷумла ҳамаи коркунону хизматчиёни ферма бо корҷомаву хилъати сафед таъмин карда шудаанд. Ҳамчунин хонаи дамгирӣ, душ ва имкониятҳои дигар эҳтиёҷи аҳли фермаро то андозае қонеъ мегардонад. Коркунону хизматчиёни беҳтарини мо то 28 ҳазор сўм моҳона мегиранд. Хулоса онҳо аз шароиту имкониятҳои барояшон муҳайёкардашуда қаноатманданд.

**— Фурқатака, мо боварӣ дорем, ки дар фермаи шумо молбону говҷўшҳое, ки солҳои зиёд пурмаҳсул, софдилона меҳнат карда истодаанд, кам нестанд. Хоҳишмандем онҳоро номбар мекардед?**

— Дуруст гуфтед, дар фермаи мо чорводорони асил бисёранд. Аз ҷумла говҷўшони моҳир —Раҳима Бекмуродова, Маърифат Файзиева, молбонҳои чашмикордон Ҳамро Эшқувватов, Шўҳрат Султонов, гўсолабон Амоной Бойқобилова ва чанде дигарон намунаи ибратанд. Мо бо чунин машъалони ферма ба таври ҳаққонӣ мефахрем ва минбаъд ҳам меҳнати як андоза вазнин, вале шарафноки онҳоро қадр хоҳем кард.

**— Одатан бисёр хоҷагиҳо дар соҳаи ривоҷ додани чорвои ҷамъиятӣ ба душвориҳо рў ба рў меоянд. Маҳдудияти майдонҳои кишти озуқаи чорво, набудани чарогоҳ, норасоии техника аз қабили чунин мушкилот аст. Дар хоҷагии Шумо низ дар ин самт муаммоҳо ҷой доранд?**

Хушбахтона, мо чунин муаммо надорем. Ба туфайли мадади бевоситаи раиси раёсати хоҷагӣ — ҷавонмарди хоксору чашмикордон Хуршед Ўроқов муаммоҳои соҳаи чорводорӣ ҳалли худро ёфтаанд.

**— Фурқатака дар хотима дар бораи нақшаҳои минбаъдаи худ чанд сухан мекардед?**

— Бо ҷону дил. Мақсади минбаъдаи мо яктост. Ин ҳам бошад, саршумори ҳайвоноти сермаҳсулро зиёд карда, бо ин роҳ истеҳсоли ширро афзун гардонданием.

**Абдурафиқ САНГИНОВ,**
**хабарнигори ҷамоатии рўзнома.**

# Дар роҳи тадбиркорӣ

20 нафар занон кадбонуҳои маркази ноҳияи Пешкў дар корхонаи «Пешкўтекс» ба омўхтани касби тадбиргарӣ пардохтанд. Курсҳо бо ташаббуси палатаи маҳсулоттайёркунӣ ва тадбиргарии вилоят созмон дода шудааст. Тавре ки раиси палатаи он Нишон Аитов маълум кард, чунин курсҳо боз дар чор ноҳияи вилоят кушода хоҳад шуд.

Дар рафти таҳсил занон — кадбонуҳо аз хусуси ташкил додани тадбиргарии хурд маълумот пайдо карда, бо қонуну қоидаҳои андозситонӣ, имтиёзи тадбиргарони хурд шинос гарданд. — Дар давоми таҳсил занҳо бо стипендия таъмин мегарданд, ки онро шўъбаи бо кор таъминкунии ноҳияҳо таъсис намудаанд.

**ОИ «Туркистон пресс»**

# Ташаббуси ҳоким

Нақши шўъбаи маорифи халқи ноҳияи Сариосиё, комёбиҳои хонандагони мактабҳои он дар озмуну мусобиқаҳо нисбати дигар хонандагони шўъбаи таълимии вилояти Сурхондарё шоёни таърифу тавсиф аст. Ба қарибӣ барои боз ҳам дуруст ба роҳ мондани корҳои таълим ва пиёда кардани Дастури миллӣ, Қонун дар бораи таълим ҳокими ноҳия, депутати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Парда Мадиев бо аҳли мактабҳои ноҳия ва кормандони шўъбаи маориф сўҳбати муфассал гузаронид. Дар пешравии кори ин соҳа ба мутахассисон, устодон, роҳбарони ин соҳа баҳри бартараф сохтани камбудиҳову норасоиҳо маслиҳатҳои муфид дод.

Чанде пас дар шўъбаи маорифи ноҳия хазинаи «Зиё» ташкил карда шуд. Ва чанде нагузашта раиси хазина, мудири шўъбаи маорифи ноҳия ба роҳбарону корхонаҳои ноҳия барои ёрии моддӣ расондан бо хат муроҷиат намуданд. Пас аз чанде корхонаи обанбори «Тўпаланг» ҳиссадорони сохтмони обтаъминкунии Сариосиё, ҳиссадорони «Шароб» -и ноҳия, фермери «Боғу бўстон», хоҷагии ширкатии ба номи И. Диёров, ба номи Охунбобоев, «Тоқчиён», «Сўфи-ён», «Даштинабот» ба ҳисоб - рақами ин хазина маблағ гузарониданд. Дар хазина маблағи муайян ҷамъ гашт.

Савол ба миён меояд, ки маблағи мазкур ба кадом мақсад масраф мегардад? Маблағ ба хотири ҳавасманд кунондани хонандагони боистеъдод аст. Аз ин хотир ҳокими ноҳия Парда Мадиев барои дар байни мактабҳои ноҳия аниқ кардани донишу малакаи хонандагон дар ҳудуди ноҳия дар байни хонандагони синфҳои 9, 10, 11 озмуни фаннӣ гузаронид. Дар ин мусобиқа 196 нафар хонандагони мактабҳо иштирок намуданд. Дар байни хонандагони синфҳои 9 Фахриддин Қудратов, Хуршед Шералиев, Хайриниссо Ботирова ҷойҳои 1, 2, 3 -ро ишғол намуданд. Дар байни хонандагони синфи 10 бошад, Фазилат Шарифова, Фаррух Назаров, Шерзод Шоназаров ғолиб дониста шуданд. Дар мусобиқаи хатмкунандагон бошад, Акмал Мўъминов, Абдуҳофиз Равшанқулов, Сабоҳат Холмуродова ғолиб дониста шуданд. Ба ғолибони ҷойҳои аввал 20 ҳазор сўм, ба ҷойҳои дуввум 15 ҳазор ба ғолибони ҷойҳои саввум 10 ҳазор сўм мукофотпулӣ дода шуд. Яъне ба хонандагоне, ки ҷои аввалро ба даст оварданд, 100 ҳазор сўм, ҷои дуввум 75 ҳазор сўм, ҷои саввум 50 ҳазор сўм пулро ҳокими ноҳия Парда Мадиев супурд.

Ҳокими ноҳия моҳи феврал боз қарор намуд, ки давраи дуввуми озмуни хонандагонро бо иштироки роҳбарони ноҳия, ташкилоту муассисаҳои ҷамъиятӣ гузаронад. Озмунро кормандони ҳокимият таҳти назорат гирифтанд.

Хонандагон Саида Саидова, Дилбар Тоҷиддинова, Салтанат Саидова дар байни хонандагони синфи 9 -ум ғолиб дониста шуданд. Дар байни хонандагони синфи 10 бошад, Максим Сарокин, Нодир Ҷўраев, Одил Холиқов аз ҳама зиёдтар хол ба даст оварданд. Хонандагони синфи 11 Максим Михайлин, Шаҳноза Тўраева, Фирўза Останақулова дар натиҷаҳои тест аз ҳама беш хол ғун карданд. Ба ғолибони ҷойҳои аввал аз моҳи сентябр то феврал 120 ҳазорӣ ба тариқи стипендия дода шуд. Яъне ба ғолибони ҷойҳои дуввуму севвум 90 ва 60 ҳазор сўм пулро бо тантана супориданд. Инчунин ҳокимияти ноҳия ба устодони беҳтарин Муаллими хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, омўзгори физика ва математика Абдуҷаббор Фаттоев аз мактаби рақами 9, аз мактаби рақами 20 муаллими фанни химия Абдухалил Бойниёзов, омўзгори мактаби рақами 28 аз фанни математика Мавлуда Сатторова, омўзгори забонҳои хориҷӣ аз мактаби рақами 68 Ҳайдар Бобокалонов, омўзгори фанни таърих аз мактаби рақами 32 Парда Наҳангов гилем ва ба миқдори як моҳона маош супурда шуданд.

—Бе ҳеҷ муболиға бояд гуфт, ки ин ташаббус аз ҷониби ҳокими ноҳия Парда Мадиев оғоз гашт, -мегўяд мудири шўъбаи маорифи ноҳия, Муаллими хизматнишондодаи ҷумҳурӣ Аҳмадҷон Бобоев.

—Шахсан ман ва дигар ходимон ва падару модарон аз ин ташаббус қаноатмандем. Ман худ аз худ андеша мекунам, ки кош дар ин айём хонандаи мактаб бошаму дар чунин озмунҳо ширкат варзам. Баъди ин чорабиниҳо боз дар кори таълими ноҳия як таконе ба амал омад, ки инро худи омўзгорон тасдиқ мекунанд.

**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Мурофиаи судӣ

Дар пойтахти Тоҷикистон мурофиаи судӣ аз болои Нарзибек Давлатов ва Ўктам Тоҳиров оғоз ёфт, ки мувофиқи тахмини мақомоти ҳифзи қонуну тартиботи мамлакат дар миёнаи солҳои 90-уми садаи гузашта чанд кушторҳои фармоиширо ба ҷо овардаанд. Тахмин меравад, ки онҳо мухбири ОРТ Виктор Никулин ва паёмнигори «Би-Би-Си» дар Тоҷикистон Муҳиддин Олимпурро куштаанд. Мудири бюрои радиостансияи «Би-Би-Си» дар Тоҷикистон Муҳиддин Олимпур 13 декабри соли 1995 дар назди Донишгоҳи давлатии Душанбе кушта шудааст. Баъди чанд моҳ 28 маи соли 1996 киллерҳо мухбири ОРТ дар Тоҷикистон В.Никулинро дар даромадгоҳи манзилаш парронданд. Ба мақомоти ҳифзи қонуну тартибот ҳамон вақт муяссар нагардида буд, ки дар гармогармии кор ҷинояткоронро ба даст гирад. Зеро ҳамон вақт дар мамлакат ба қонун итоаткорӣ дида намешуд. Чунки ҷанги шаҳрвандӣ давом дошт.

Н.Давлатов ва Ў.Тоҳиров сокинони ноҳияи Кофарниҳони шафати Душанбе буда, дар маркази пойтахт дар рафти ба рўи об баровардани тадбирҳои оҷилии истинтоқӣ ба даст афтоданд. Аз рўи эътирофи дастгиршудагон куштори В.Никулинро яке аз командирони саҳроии мухолифат Нозим Юнусов фармоиш дода будааст. Ба ғайр аз куштори В.Никулин ва М.Олимпур, ин одамкушон эътироф намуданд, ки соли 1995 беш аз 50 ҷиноятро нисбати хизматчиёни ҳарбии руссиягӣ содир намудаанд.

Чуноне ки дар Прокуратураи Генералии мамлакат баён мекунад, ҳамаи ин ҷинояткориҳо ба мақсади «номўътадил гардондани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ дар ҷумҳурият» ва ё ба мақсади «бадном сохтани сохтори дохили давлатӣ дар арсаи сиёсӣ» ба рўи об бароварда шуда буданд. Ҳини ба рўи об баровардани мурофиаи судӣ нисбати Н.Давлатов ва Ў.Тоҳиров чораҳои зиёди бехавфӣ андешида шудаанд.

## Авф худро сафед намекунад

Мўҳлате, ки мебоист шаҳрвандони Тоҷикистон даромадҳои хуфиёнаи худро ошкор сохта, онҳоро дар ҳисобсуратҳои бонкҳои тиҷоратии мамлакат ҷойгир мекарданд, анҷоми худро ёфт. Аз рўи ҳисобҳои пешакӣ дар зарфи беш аз дуним моҳ ҳамагӣ беш аз 45 миллион доллар маблағи хуфиёна ошкор шуд.

Авф нисбати маблағҳо мувофиқи фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов аз моҳи марти соли 2003 ба мақсади ҷалб сохтани маблағи шаҳрвандони Тоҷикистон ба иқтисодиёт эълон гардида буд. Ваъда дода шуда буд, ки ба чӣ тавр ба даст омадани маблағҳои ошкоргардида касе сару кордор намешавад. Вале ба авф набояд маблағҳое шомил гардонда шаванд, ки аз фурўши силоҳ ва моддаҳои нашъамандӣ ба даст омадаанд.

Аз рўи пешгўиҳои боварибахш мебоист дар бадали эълон гардидани авф нисбати маблағи хуфиёна Душанбе тақрибан 80-100 миллион доллар ба даст меовард. Вале тахмини корбастон ба пуч баромад. Ба фикри онҳо сабаби асосии барбод рафтани мақсади мазкур ва ба даст наомадани рақамҳои болоӣ дар ҳамин мебошад, ки аҳолӣ ҳанўз ба бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон он қадар эътимоди калон надоранд.

## Омодагӣ ба зимистон

Ҳукуматдорони Тоҷикистон ба тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон аввали тобистон шурўъ карданд. Чунин бармаҳал оғоз ёфтани корҳои тайёрӣ бо ҳамин тавзеҳ дода мешавад, ки соли гузашта дар натиҷаи барбод додани корҳои тайёрӣ аз ҷониби корхонаҳои соҳаи адои хизмати коммуналӣ дар як қатор ноҳияву шаҳрҳои мамлакат, аз он ҷумла пойтахт вазъияти фавқулодда сар зада, боиси эътирози ҳаққонии аҳолӣ гардид. Махсусан ба корхонаҳое эътироз зиёд гардид, ки бо таъминоту нақли энергияи барқи Душанбе машғул буданд.

Соли ҷорӣ ҳукумат ба тамоми вазорату идораҳо супурдааст, ки кулли тадбирҳоро оид ба мўътадил арзи ҳастӣ намудани корхонаву ташкилотҳои зертобеи худ андешанд. Комиссияе созмон дода шудааст, ки ба таркиби он намояндагони ҳукуматҳои маҳаллӣ, мақомоти прокуратура, барқгарон барои тафтиши тайёр будани хоҷагии барқӣ ба давраи тирамоҳу зимистон, озод гардондани истгоҳҳои иловагии трансформаторӣ аз истеъмолгарони ғайриқонунӣ шомил гардидаанд.

**«Туркистон-пресс»—«Вароруд».**

